# С О З И Ш Н О М А

## БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ДАР БОРАИ БОЗПАС ДОДАНИ МАҲКУМШУДАГОН БАРОИ АДОИ МИНБАЪДАИ ҶАЗО

**Ба имзо расид: 12 июли соли 2006**
**Ба эътибор даромад: 24 декабри соли 2008**

# СОЗИШНОМА

**байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд,

бо таваҷҷӯҳ ба робитаҳои фарҳангӣ, муносибатҳои деринаи таърихӣ, ҳамсоягии нек, ба манзури таъмини ҳуқуқи башар ва риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар мавриди муносибат ба маҳкумшудагон,

**ба мувофиқати зерин расиданд:**

***Моддаи 1***

Шаҳрвандони Тарафҳо, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят (вайрон кардани қонунҳои Тарафи дигар) ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардидаанд, метавонанд мӯҳлати ҷазоро дар давлати худ сипарӣ намоянд.

Тарафҳо бар асоси шароити баробар, вазифадоранд тибқи муқаррароти ин Созишнома шаҳрвандони маҳкумшудаи худро аз якдигар бозхост намоянд.

***Моддаи 2***
***Истилоҳот***

Истилоҳот дар ин Созишнома мафҳумҳои зеринро ифода менамоянд:

- маҳкумшуда: шахсе, ки бо қарори мақоми судии салоҳиятдори яке аз Тарафҳои ин Созишнома ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардидааст;
- ҷазо: ҳар гуна ҷазои аз ҷониби суд таъйиншуда, ки бар асоси он гунаҳкор аз озодӣ маҳрум гардидааст;
- ҳукм: қарори ниҳоӣ ва қатъии суд, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар он муайян гардидааст ва тибқи муқаррароти қонуни давлате, ки ҳукм дар он сурат гирифтааст, қобили татбиқ дониста мешавад;
- суд: мақоми давлатии Тарафҳои Созишнома, ки нисбат ба маҳкумшуда ҳукм содир менамояд;
- давлати иҷрокунандаи ҳукм: Тарафи Созишнома, ки шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшударо ҷиҳати адои мӯҳлати боқимондаи ҷазо ба Тарафи дигар бозпас медиҳад.

### *Моддаи 3*
### *Соҳаи истифода*

Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки бо дархости яке аз Тарафҳо шахси дар қаламрави кишварҳояшон ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшударо, ки шаҳрванди Тарафи дархостдиҳанда мебошад ва ё дар қаламрави кишвар он Тараф истиқомати доимӣ мекунад, ҷиҳати адои боқимондаи ҷазо бар асоси усул ва принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба маҳкумшудагон ва мутобиқи муқаррароти ин Созишнома ба он Тараф бозпас диҳанд.

### *Моддаи 4*
### *Тартиби бозпас додан*

1. Бозпас додани маҳкумшуда барои адои мӯҳлати боқимондаи ҷазо метавонад бо дархости мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо сурат гирад.

2. Маҳкумшуда, намояндаи қонунии вай ва хешовандони наздики ӯ низ метавонанд дархости бозпас доданро ба яке аз Тарафҳои ин Созишнома пешниҳод намоянд.

3. Тарафе, ки дар қаламрави он қонуншиканӣ сурат гирифта, ҳукм содир гардидааст, маҳкумшударо аз мазмуни ин Созишнома огоҳ менамояд.

4. Бозпас додани маҳкумшуда замоне сурат гирифта метавонад, ки ризоияти маҳкумшуда ҳосил шуда бошад. Дар сурате, ки маҳкумшуда ба далели калонсолӣ, вазъияти ҷисмонӣ ва руҳӣ натавонад озодона тасмим гирад, мувофиқати намояндаи вай ва ҳамчунин мувофиқати Тарафи иҷрокунандаи ҳукм зарур шуморида мешавад.

5. Макоми салохиятдори тарафи дархостшаванда сари вакт баъд аз дарёфти асноди марбута, розигӣ ва ё норозигии худро барои бозпас додани махкумшуда ба макоми салохиятдори тарафи дархостдиханда, тавре ки дар ин Созишнома зикр шудааст, иттилоъ медиханд.

6. Замон, маҳал ва тартиби бозпас додани маҳкумшуда дар мӯҳлати кӯтоҳтарин аз ҷониби Тарафҳо таъйин мегардад.

### *Моддаи 5*
### *Асосҳои бозпас надодани маҳкумшуда*

Бозпас додани маҳкумшуда бар асосҳои зерин метавонад рад гардад:

1) ҳар гоҳ дар қонуни давлати иҷрокунандаи ҳукм амали содиршуда гуноҳ шумурда нашавад ва ё содир намудани он боиси аз озодӣ маҳрум гаштани маҳкум набошад ва сабаби маҳкумияти гунаҳкор нагардад;

2) ҳар гоҳ маҳкум ба бозпас додан розигӣ надиҳад ва мувофиқати хаттии намояндаи қонунии вай низ мавҷуд набошад;

3) ҳар гоҳ ҳангоми пешниҳоди дархост мӯҳлати боқимондаи ҷазои маҳкумшуда камтар аз шаш моҳ бошад, ба истиснои бемории, албатта, бо мувофиқати Тарафҳо;

4) ҳар гоҳ ҷазо ба далели камбуди далелҳо ва ё ҳар далели қонунии дигар дар дохили давлати иҷрокунандаи ҳукм мухолифи қонунҳои ҷории он кишвар бошад ва қобили иҷро набошад;

5) агар дар қаламрави давлати иҷрокунандаи ҳукм маҳкумшуда ҷазоро адо карда бошад, ё сафед карда шуда бошад, ё кори ҷиноятӣ нисбат ба ӯ қатъ шуда бошад ва ё аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори ин кишвар пас аз адои ҷазо озод карда шуда бошад;

6) агар бозпас додан ба зарари манфиатҳои давлати ҳукмбароварда ё кишваре, ки маҳкумшуда шаҳрванди он аст, бошад;

7) бозпас додани маҳкумшударо рад кардан мумкин аст, агар зарари моддии аз ҷиноят расонидашуда барқарор карда нашуда бошад.

8) агар бозпас додани маҳкум ба манфиати амнияти Тарафи содиркунандаи ҳукм таъсир дошта бошад;

### *Моддаи 6*
### *Мақомоти салоҳиятдор*

1. Ба манзури иҷрои ин Созишнома мақомоти салоҳиятдор аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Вазорати адлияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошанд.

2. Тарафҳо дар сурати тағйир додани мақомоти салоҳиятдор бидуни таъхир ҷониби муқобилро бо роҳҳои дипломатӣ хабар медиҳад.

### *Моддаи 7*
### *Дархости бозпас додан*

1. Ба манзури бозпас додани маҳкумшудагон яке аз мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо дархости хаттӣ ба ҷониби муқобил пешниҳод менамояд. Дар дархости хаттӣ маълумоти мукаммал дар бораи шахсияти маҳкум (ном, насаб, замон ва макони таваллуд) бо асноди шахсият ва маҳалли истиқомати доимӣ дарҷ мегардад.

2. Мақоми салоҳиятдори давлати содиркунандаи ҳукм асноди зайлро низ бо варақаи дархост замима менамояд:

- нусхаи қарори суд ва ҳама асноди дигар, ки иҷрои ҳукми судро дарбар гирифтааст;

- асноде, ки мӯҳлати сипаришуда ва мӯҳлати боқимондаи ҷазо ва ҳамчунин тартиби муносибат ва чигунагии характери маҳкумшуда дар онҳо дарҷ гардидааст;

- санаде, ки ҷазои изофии маҳкумро баён намояд;

- матни маводи қонуни ҷазо, ки маҳкум бар асоси он ҷазо гирифтааст.

- мувофиқати хаттии маҳкумшуда ё намояндаи қонунии вай ва хешовандони наздики ӯ дар сурате, ки маҳкумшуда ба далели калонсолӣ, ё вазъияти ҷисмонӣ ва рӯҳии худ натавонад озодона тасмим бигирад. Дар мавриди бозпас додани номбурда ба давлати иҷрокунандаи ҳукм, давлати содиркунандаи ҳукм имконоти лозимро фароҳам меоварад, то масъули соҳаи консулӣ ва ё намояндаи расмии Тарафи муқобил итминон ҳосил намояд, ки мавзӯъи бозпас додан ва ё радди он маҷбурӣ набуда, бо мувофиқати маҳкумшуда сурат гирифтааст.

**3.** Дар сурати лозим мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо асноди изофӣ ё маълумоти дигареро низ метавонанд талаб намоянд.

**4.** Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳои ин Созишнома дар мӯҳлати 40 рӯз оид ба қарори қабулкардаашон ба таври хаттӣ Тарафи дигарро, ки бо дархост оид ба бозпас додани маҳкумшуда мурочиат кардааст, хабардор менамояд. Дар сурати қабули қарори рад сабабҳои онро баён менамояд.

**5.** Мувофиқати Тарафҳо дар мавриди бозпас додани маҳкумшуда ба таври хаттӣ ба худи маҳкумшуда ва ё намояндаи қонунии вай супурда мешавад.

**6.** Ашхосе, ки ҷиҳати адои мӯҳлати боқимондаи ҷазо ба давлати иҷрокунандаи ҳукм бозпас дода мешаванд, аз ҳамон ҳуқуқҳое бархурдоранд, ки дар давлати содиркунандаи ҳукм барои ҷазо пешбинӣ шудааст.

***Моддаи 8***
***Таҷдиди назари ҳукм ва хатми ҷазо***

**1.** Таҷдиди назар дар мавриди ҳукм дар робита ба маҳкумшудаи бозпас додашуда метавонад танҳо аз ҷониби суди салоҳиятдори давлати содиркунандаи ҳукм сурат гирад.

**2.** Адои мӯҳлати боқимондаи ҷазои маҳкумшуда баъд аз бозпас додан, ҳамчунин комилан ё қисман озод намудани маҳкумшуда аз ҷазо пас аз иҷрои ҳукми суд дар асоси қонунҳои давлати иҷрокунандаи ҳукм сурат мегирад.

3. Пас аз бозпас додани махкумшуда давлати иҷрокунандаи ҳукм салоҳият дорад, то монанди давлати муҳокимакунандаи ҳукм маҳкумшударо авф намояд.

### *Моддаи 13*
### *Ҳалли масъалаҳои баҳсталаб*

Масъалаҳои баҳсталаб ва ихтилофҳое, ки дар ҷараёни татбиқи ин Созишнома ба миён меоянд, тавассути мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо аз тариқи мулоқотҳо ва гуфтушунидҳо ҳаллу фасл мегарданд.

### *Моддаи 14*
### *Забонҳо ва расмияти аснод*

**1.** Ирсоли аснoди марбут ба ин Созишнома ҳамроҳ бо тарҷумаи он ба забони Тарафи дигар сурат мегирад ва қобили сабту қайд намебошад.

**2.** Ин Созишнома ба забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ, ки эътибори яксон доранд, ба таҳрир омад ва дар сурати ба миён омадани ихтилофҳо матни ҳамин забонҳо ба асос гирифта мешавад.

### *Моддаи 15*
### *Тасдиқ ва қатъи Созишнома*

Муқаррароти ин Созишнома дар мавриди шахсоне, ки пеш аз иҷрои он ба маҳрумият аз озодӣ маҳкум гардидаанд, низ қобили татбиқ мебошад.

**1.** Ин Созишнома бояд мутобиқ бо қонунгузории Тарафҳо тасдиқ карда шавад ва аз рӯзи мубодилаи тасдиқномаҳо эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

**2.** Ин Созишнома дар 15 модда ба муддати панҷ сол эътибор дошта, баъди ҳар панҷ сол дар сурате, ки яке аз Тарафҳо шаш моҳ қабл аз хатми мӯҳлати эътибори он ба таври хаттӣ аз нияти қатъи амали он бо роҳҳои дипломатӣ Тарафи дигарро огоҳ насозад, ба муддати панҷ соли дигар худ ба худ тамдид мегардад.

| АЗ ҶОНИБИ<br>**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | АЗ ҶОНИБИ<br>**ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН** |
|---|---|